Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Мубраммияти мавзуи таҳқиқот.** Таърихи тоҷикон дорои ганҷинаи ғаниест, ки аз таълимоти мутафаккирон ва сабақҳои таърихии давлатдории гузашта ва сабақу ибрат омухтан, андешаҳои илмиро комил сохтан ва такмилу ташаккул додани қонунгузорию таҷрибаи давлатдорӣ мусоидат мекунад.

Рӯ овардан ба таърихи гузаштаи миллат, шиносоӣ ва дарку таҳлили таълимоти ниёгон танҳо баҳри пешрафти миллӣ, дуруст танзим намудани масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Тоҷикон дар таърихи тамаддун чун яке аз миллатҳои фарҳангсоз ва эҷодкор шинохта шуда, ҳазорҳо мутафаккирони миллати мо барои ҷаҳониён ва минтақа

хизматҳои шоёни таҳсин кардаанд, ки он боиси ифтихори мост. Омӯзиши фарҳанги волои ҳуқуқӣ, ки мутафаккирони фарзонаи миллати тоҷик аз худ мерос гузоштаанд, баёнгари он аст, ки онҳо ба эҷодиёти худ аз замонаи зиндагии худ ва ҳамасрон чандин қарн пеш гузашта, дар таҳияи лоиҳаи ҷомеаи ормонӣ ва давлати адолатпарвари иҷтимоӣ ҳиссаи бузургеро гузоштаанд.

Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, ки аз оғози интихоб шудан ба мансабҳои олии давлатӣ ба ин масъала ба таври ҷиддӣ машғул гардида, ҷашну маросим ва анъанаҳои бостонии миллатро арҷ мегузорад ва тавассути он ҳадафҳои волои миллиро ҳифз ва тарғиб менамояд.

Аз ин лиҳоз таҳлилу баррасии мавзуи довталаб Алиназарова Кифоят вобаста ба амалисозии адолати судӣ яке аз масоили мубрамми таҳқиқоти илми ватанӣ ҳисобида мешавад. Хусусияти рисолаи мазкур дар он ифода меёбад, ки довталаб кушиш намудааст, ки рушди муносибатҳои амалисозии адолати судиро дар мисоли як минтақаи Тоҷикистон - Бадахшон мавриди омӯзиш қарор диҳад. Ин таҳқиқоти довталаб аз он сабаб аҳамияти баланди илмӣ дорад, ки он метавонад дар илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон нозукиҳои амали ниҳодҳои давлатӣ ва равандҳои идоракунӣ, таҷрибаи ҳуқуқиро ошкор созад. Аз руи таҳқиқоти илмии унвонҷӯ маълум мегардад, ки вобаста ба маҳал ва як қатор омилҳои дигар таҷрибаи фаъолиятит мақомоти баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҳамдигар тафовут доштанд ва монандии онҳо то кадом андоза метавонад заминаи такмил ва рушди қонунгузорӣ дар ин самт гардад.

Мавзуи мазкур ҳамчунин вобаста ба афзоиши нақши низоми судӣ дар давлатдории муосири тоҷикон мубрам гардидааст, зеро ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, дар низоми ҳокимияти давлатии Тоҷикистон мақоми хоси худро ишғол мекунад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар миқёси як минтақаи ҷумҳурӣ барои боз ҳам ғанӣ гардонидани илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, назарияи он, методологияи соҳавӣ ва таърихи рушди ниҳодҳои адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян хоҳад гузошт, зеро гуногунии таърихи рушди ниҳодҳо омӯзиши масъаларо ҷолиб гардонида, таҷрибаи гуногуни ҳалли масоили пешомадаро барои мо ошкор месозад, ки дар дурнамо истифодаи он метавонад

мубрам гардад. Таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои мазкур, муайян кардани роҳҳалҳо ва тавсияҳои назаррас ба қонунгузории кишвар оид ба фаъолияти судҳо дар ин самт аз мубраммияти бештари масъалаи рушди амалисозии адолати судӣ ва шаклҳои амалигардонии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад. Маҳз ин мушкилотро ба инобат гирифта, муҳаққиқ Алиназарова К.Ғ. таҳқиқоти илмии худро дар масъалаи зикршуда ба анҷом расонидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи илм ва мантиқан ба қисматҳо тақсим карда шуда, аз муқаддима, се боб ва 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо, руйхати маъхазҳо ва интишороти муаллиф иборат мебошад.

Боби якуми таҳқиқот “Мафҳуми адолати судӣ, таърихи пайдоиш ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон” аз се зербоб иборат буда, дар онҳо мафҳум ва мазмуни падидаи адолати судӣ, ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, даврабандии таърихи пайдоиш ва рушди он, сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки тибқи онҳо адолати судӣ амалӣ карда мешуд, мафҳуми адолати судӣ ва як қатор андешаву навгониҳо пешниҳод шудаанд.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ бо номи “Пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон” аз панҷ зербоб иборат буда, дар он ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон, суди қозӣ, ниҳодҳои ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои судӣ, ниҳодҳои анъанавӣ ва маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ниҳодҳои мустамликавии ҳарбии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ таҳқиқ шудаанд. Аввалин маротиба низоми ниҳодҳои судӣ дар Бадахшон, инчунин масоили дахолати бевоситаи ҳарбиёни дастаи ҳарбии Русия дар амалисозии адолати судӣ ва таъсири бузурги онҳо дар амалисозии адолати судӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тошуравӣ – минтақаи Бадахшон исботи худро ёфтааст.

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ “Ҳокимияти судӣ дар давраи шуравӣ, Тоҷикистони мустақил ва дурнамои рушди он”, ки аз ду зербоб иборат аст, таърихи рушди ҳокимияти судии марҳилаи шуравӣ ва давраи муосир мавриди омӯзиш қарор гирифта, як қатор хусусиёти он дар минтақаи Бадахшони Тоҷикистон ошкор карда шудаанд.

**3. Заминаҳои усулии (методологии) таҳқиқоти анҷомдодашуда аз назари эмпирикӣ ва ақлгароӣ мутобиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ.** Дар ҷарёни таҳқиқот

усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дарк ва маърифати ҳақиқат мутобиқ ба зарурат ва дар мавқеи худ истифода гардидааст.

Методологияи омӯзиши мавзуъ аз ҷониби Алиназарова Кифоят хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Истифодаи усулҳои диалектика, сохторӣ ва зоҳирӣ-мантиқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ догматикӣ дар ҷараёни таҳқиқот аз ҷумлаи ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар доираи як таҳқиқот тавонистааст, ки мафҳуму моҳияти адолати судиро муайян намуда, рушди амалисозандаи ниҳоди адолати судиро дар як минтақаи алоҳида таҳлилу таҳқиқ намояд. Инчунин, дар ҷараёни таҳқиқот шаклҳои гуногуни амалисозии адолати судиро пай дар пай дар алоҳидагӣ баррасӣ намудааст.

Тавассути усули муқоисавӣ - таносуби байни адолати судӣ ва ҳокимияти судӣ, шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории марҳилаи тошуравӣ ва шуравӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, шабоҳат ва тафовути онҳо муайян гардидааст. Умуман, дар таҳқиқоти мазкур усулҳои илмӣ мақсаднок истифода карда шуда, дар ба даст овардани натиҷаҳои мукаммали илмӣ мусоидат намудаанд.

**4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳои назариявӣ ва амалии дар рисола пешниҳодгардида дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад, чунки муаллиф на танҳо ба таълимот, балки ба амалия ва факту далелҳои воқеӣ такя кардааст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳуми амалисозии адолати судӣ ва мафҳуми адолати судӣ пешниҳод кардааст, ки дараҷаи навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

**5. Навгонии натиҷаҳои рисолаи илмӣ.** Навгонии натиҷаҳои рисола бебаҳс буда, дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқии истифодашуда исбот мегардад. Равиши муҳаққиқ низ ба масъалаи гузошташуда нав буда, кӯшиш намудааст, ки холигиҳоро дар омӯзиши таъриху усулҳои фаъолияти ниҳодҳои судии Тоҷикистон дар ҳудуди Бадахшон ва дар маҷмуъ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ пурра менамояд.

Муаллиф дар маҷмуъ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра ҷамъбаст намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз қонунгузории Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва пасошуравӣ(дар мисоли Бадахшон), инчунин, аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ ба маврид истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии усулӣ ва бунёдии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

**6. Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии таҳқиқот бо чунин асосҳо собит мегардад: якум, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таври маҷмуӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таҳқиқоти диссертатсионӣ фаро гирифта нашудааст; дуюм, мубраммияти масъалаи мазкур тақозои амалияи ҳуқуқӣ буда, то имрӯз масъалаи мубрам боқӣ мондааст.

Мушаххасан оид ба нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки аксаран навгонии илмӣ маҳсуб мешавад, қайд намудан лозим аст, ки андешаҳои нав дар илм буда, ҷанбаҳои гуногуни масоили таҳқиқшавандаро ошкор месозад. Бештари навгониҳои пешниҳодгардида, андешаҳои илмӣ ва ҷолиби диққат буда, аввалин маротиба дар илми тоҷик пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф дар навгониҳои 1 ва 2-юм мафҳуми “амалисозии адолати судӣ” ва “адолати судӣ”, асосҳои таснифот ва шаклҳои амалисозии онҳо, даврабандии рушди низоми адолати судӣ ва ниҳодҳои онро дар минтақаи Бадахшон муайян ва пешниҳод кардааст.

Муаллиф андешаи худро оид ба ҳар як функсияи адолати судӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар пешниҳодҳои назариявӣ манзур намуда, барои такмили қонунгузорӣ дар ин самт як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст, ки навгонии илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Тавсияи амалии якуми навгониҳо ҷолиби диққат буда, бояд дастгирӣ карда шаванд, чунки таъсиси судҳои рафиқона дар корхонаву ташкилотҳо бисёр саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Тавсияи амалии ҳафтум, яъне қабули “Консепсияи эҳё ва таъсиси судҳои анъанавии миллӣ дар Тоҷикистон” қобили дастгирӣ мебошад. Зеро таъсиси чунин

судҳо барои фаъолияти минбаъдаи амалисозии адолати судҳо такони ҷиддӣ хоҳад дод.

**7. Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертатсияи Алиназарова Кифоят тибқи талабот нисбат ба таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, дар он мавзуи илмӣ аз назари илми назария ва қонунгузории муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, асоснокуни мукарраротн илмӣ бо далелҳо, усулу равишҳои илмӣ таълиф гардида, хулосаю пешниҳодҳо ва доираи талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқ ба Конститутсия, рушди қонунгузорӣ, манфиати миллӣ ва давлати миллии тоҷикон таҳия шудааст.

**8.Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Пешниҳод ва навгонии илмии диссертатсия, хулоса ва навовариҳои муаллифи диссертатсия аз назари забонӣ – саҳеҳ, аз дидгоҳи матлабӣ нишонрас ва аз лиҳози амалияи ҳуқуқӣ муфид мебошад. Дар мутобиқат бо ҳадафи асосӣ дар рисола як қатор масоили мушаххас ва бо ҳам алоқаманд ҳамчун вазифаҳои таҳқиқот дар назди муаллиф гузошта шуда буданд, ки таҳлил ва баррасии худро дар самти зарурӣ пайдо кардаанд, аз ҷумла:

– муайян намудани мафҳуми адолати судӣ, аз ҷумла бо назардошти ниҳодҳои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар таърихи миллати тоҷик;

– даврабандӣ намудани таърихи таъсисёбӣ ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ва ҳудуди Бадахшон;

– таҳлили фаъолияти судҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдории тоҷикон;

– ошкор намудани ҷанба ва хусусиятҳои хоси амали ниҳодҳои адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшон, мақом ва мансабдороне, ки ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буданд;

– таҳқиқи фаъолияти қозӣ ва ниҳодҳои дигари баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди Бадахшон;

– таҳлили низоми судии давраи шуравӣ ва марҳилаи истиқлолияти ҶТ;

– таҳия намудани пешниҳоду тавсияҳо барои тарғиби омӯзиши таърихи суд, ташаккули қонунгузорӣ ва таҳкими амалияи судӣ.

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисола дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф аз ҷиҳати таърихи ба рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, комил намудани холигӣ дар самти рушди ниҳоди амалисозии адолати судӣ, дарку фаҳмиши дурусти он мусоидат карда, омили такмил ва рушди ин ниҳод хоҳад шуд.

Аз лиҳози амалӣ муҳиммияти таҳқиқот дар он ифода мееёбад, ки хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои Алиназарова Кифоят дар такмили минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ вобаста ба омӯзиши ниҳодҳои судии анъанавии Тоҷикистон, рушди ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи адолати судӣ ва консепсияҳои давлатӣ дар самти мазкур метавон истифода бурд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводи интишоршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуи диссертатсия ва моҳияти он, мазмуни асосии унсурҳои объекти таҳқиқшаванда, хулоса тавсия ва пешниҳодҳои дар кори мазкур матраҳшавандаро пурра инъикос намуда, онҳо дар 25 мақолаи илмӣ, ки 14 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферат ва корхое, ки аз ҷониби унвонҷӯ Алиназарова Кифоят нашр гардидаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ ва пурра инъикос менамоянд.

**10. Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас таҳқиқоти илмии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна аз назари илмӣ аз баъзе андешаҳои баҳсталаб, шарҳталаб ва норасоиҳо холӣ нест. Мазмун ва моҳияти таҳқиқоти илмӣ умуман мусбат арзёбӣ гардида, бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуқтаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Унвонҷӯ, даврабандии умумии марҳилаҳои рушди адолати судӣ дар таърихи Тоҷикистонро таҳия намудааст, ки аз даврабандии маъмулӣ тафовут дорад. Дар

баробари ин, даврабандии марҳилаи таҳти омӯзишро низ анҷом медоданд, мантиқан ин усули илмӣ комил мегардид.

2. Дар баъзе маврид бо усули муқоисаи ҳуқуқӣ амалисозии адолати судӣ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистони таърихӣ таҳлил мегардид, ба манфиати кор мебуд.

3. Унвонҷӯ аз нав эҳё намудани ниҳоди судҳои рафиқонаро пешниҳод намудааст, ки аз назари мо баҳсталаб менамояд. Агар унвонҷӯ ин андешаи худро ҳаматарафа шарҳ медоданд, хуб мешуд.

Андешаҳои қайдгардида дар умум баҳсталаб буда, ба мазмуну моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсиргузор нестанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим, мураккаб ва баҳснок анд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Дар таҳияи диссертатсия мустақилияти муаллиф мушоҳида шуда, он дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротӣ мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.


**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирализода И.Қ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Алишери Навоӣ 30,
Тел: (+992) 908483869 ,Email: isfand_1986@ mail.ru


Имзои Мирализода М.Қ- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.


**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
Тел: (+992-37) 221-62-25, Email: info@tnu.tj


«17» 03. 2026 с.